Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(ш. Душанбе, 734025, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

Тақриз

ба автореферати диссетратсионии Абдуллозода Фарҳод Нусратулло дар мавзӯи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди Суди Олӣ дар Тоҷикистон ва Россия: давраи шӯравӣ ва пасошӯравӣ (таҳлили муқоисавии таърихӣ-ҳуқуқӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат.

Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ қонунгузории кишвар вобаста ба амалисозии ҳокимияти олии судӣ мавриди такмили пурра қарор гирифта, дар баробари дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ мавқеи хоси худро пайдо намудааст. Вобаста ба ин зикр бояд намуд, ки яке аз шохаҳои ҳокимият дар кишвар ҳокимияти судӣ, ки дар зери назорати бевоситаи Суди Олӣ амалишаванда ба шумор меравад. Мавқеи хоси Суди Олӣ дар зинаҳои судӣ, давраҳои ташаккул ва рушди он хусусиятҳои хоси худро дорост.

Ҳамзамон, таҳлили муқоисаивии рушд ва инкишофи Суди Олии ду кишвар аз нигоҳи таърихӣ-ҳуқуқӣ барои дигаргунсозии қонунгузории кишвар дар ин самт имконият фароҳам меорад. Бо дарназардошти ин ҳолат, интихоби мавзӯи мазкур аҳамияти калон дорад.

Таҳлили автореферати Ф. Н. Абдуллозода нишон дод, ки мавзӯи зери таҳлили илмӣ қарордодаи ӯ ба масъалаҳои рушд ва инкишофи мақоми олии судии кишвар бахшида шудааст.

Тибқи мазмуни автореферат сохтори рисолаи диссертатсионии Абдуллозода Ф. Н. дар мавзӯи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди Суди Олӣ дар Тоҷикистон ва Россия: давраи шӯравӣ ва пасошӯравӣ (таҳлили

муқоисавии таърихӣ-ҳуқуқӣ)» аз муқаддима, се боб (ба нӯҳ зербоб тақсим карда шудаанд), хулоса ва номгӯи адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар муқаддима диссертант мубрамияти мавзӯи интихобкардаашро асоснок карда, дарачаи омӯзиши он, мақсад, вазифаҳо, асосҳои методологӣ, навоварии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва илмии натичаи таҳқиқот ва тасвиби онҳо баён кардааст.

Боиб якуми диссертатсия ба омӯзиши сарчашмаҳои умумии ташаккул ва хусусиятҳои рушди Суди Олӣ дар Тоҷикистон ва Россия бахшида шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия таҳлили муқоисавии заминаҳои ҳуқуқии амалкунандаи ташкил ва фаъолияти Суди Олии кишвар ва Федератсияи Россия гузаронида шудааст.

Боби сеюми диссертатсия таҳти унвонии «Сохтор, таркиб ва ҷанбаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии ташаккули Судҳои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия; таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» муаррифӣ шудааст.

Дар хулоса диссертант натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидаи худро омода кардааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки вобаста ба мавзӯи зери таҳлили қарордодаи диссертант қаблан олимони тоҷик, аз ҷумла Г.С.Азизқулова, И.Б.Буриев, Ф.Т.Тоҳиров, Ш.Розиқов, И.Р.Шодиев, Р.Ҳамроқулов, А.Ғ. Холиқзода, А.А.Муродов ва дигарон таҳлилҳои илмӣ гузаронида буданд, вале таҳлили ин масъала дар асарҳои илмии онҳо ба тариқи умумӣ сурат гирифта буд.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти гузаронидаи Абдуллозода Ф. Н. аз нуқтаи назари илмӣ мукаммал буда, ҳамчун саҳми шахсии ӯ дар рушди илми ҳуқуқ арзёбӣ мегардад. Рисолаи диссертатсионии тақризшвандаи мазкур дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон дар асоси назарияи мавҷудаи ҳуқуқӣ таҳия гардида, барои такмили қонунгузории кишвар вобаста ба фаъолияти Суди Олӣ равона гардидааст. Рисолаи мазкур дорои сифатҳои хуб, аз ҷумла, интихоби мавзӯи муҳим дар давраи гузаронидани ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар кишвар, таҳлили хуби давравии мавзуъ, мазмуни хосаи

рисола, матни мантиқан равон, сохтори низомдор, таҳлили ҳаматарафи илмӣ-муқоисави он буда, аз сатҳи баланди тайёрии муаллиф шаҳодат медиҳад.

Дар баробари ин қайд кардан ба маврид аст, ки рисолаи Абдуллозода Ф. Н.  чун дигар корҳои илмӣ дорои нуктаҳои алоҳидаи баҳснок низ мебошад. Аз ҷумла:

- дар хулосаи сеюми худ (дар саҳифаи 28 автореферат) муаллиф қайд менамояд, ки «Ҳамчун ҷанбаи асосии тавсифии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия нишонаҳои конститутсионалӣ ва марҳилавии онҳо бармеоянд, ки имконият медиҳанд онҳоро ҳамчун мақоми олии судӣ ва марҳилаи олии судӣ шуморем». Аммо барои исботи ин ақида, ба фикри мо, диссертант асосҳои кофӣ пешниҳод намуда, фаромӯш месозад, ки дар зинаҳои болоии ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон дар баробари Суди Олӣ инчунин Суди Олии иқтисодӣ низ ҷой дорад, Суди Олӣ нисбат ба категорияҳои алоҳидаи парвандаҳо ваколатҳои зинаи назоратии судии худро амалӣ месозад. Бинобар ин, диссертантро зарур аст, ки бо дарназардошти талаботи моддаи 84 Конститутсияи кишвар дар ҳимояи рисола оид ба ин масъала фикри асосноки худро равон созад;

- дар хулосаи ҳафтуми худ (дар саҳифаи 28 автореферат) муаллиф ба масъалаи хусусияти тавзеҳотӣ доштани қарори Пленуми Суди Олӣ диққат додааст. Дар амалия иҷроиши қарорҳо аз ҷониби судҳои поёнӣ аз доираи хусусияти тавзеҳотӣ баромада, ба сифати талаботе баромад менамоянд, ки иҷроишии онҳо барои судяҳо ҳатмӣ мегардад. Баррасии масъалаи мазкур мумкин дар доираи диссертатсия ҳалли худро ёфта бошад, вале муаллиф дар автореферати худ ба баррасии ин масъала диққат надодааст. Ба фикри мо, ба мақсад мувофиқ аст, ки диссертант дар ҷараёни ҳимоя ба масъалаи мазкур низ фикри худро баён намояд.

Новобаста аз ин, эродҳои зикршуда ба сифати рисолаи пешниҳодшуда таъсири ҷиддӣ намерасонанд. Аз ин рӯ, муаллиф ба мақсадҳои дар наздаш гузоштаро илман асоснок намуда, тавонистааст

рисолаи илмии дорои хусусияти комплексиро, ки фарогири тамоми доираи проблемаҳои ташаккул ва рушди ҳокимияти олии судӣ ду кишвар аз рӯи мавзӯъ мебошад, омода намояд.

Дар асоси гуфтаҳои боло, мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва автореферати он ба талаботи муқарраргадида ҷавобгӯ буда, муаллифи он Абдуллозода Фарҳод Наусратулло ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат сазовор аст.

Муовини якуми директори
Маркази миллии қонунузории назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент ______________ Баҳриддинзода С.Э.
02 марти соли 2020.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон
Маркази миллии қонунузории назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734024, ш. Душанбе, кӯчаи
академик А. Адҳамов, 13,
тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
E-mail: Subhiddi_b@mail.ru

«Имзои Баҳриддинзода С.Э.-ро тасдиқ менамоям»
Сардори бахши кадрҳо ва коргузории Маркази
миллии қонунузории назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон ______________ Қурбонзода Ш.И.

02 марти соли 2020.